# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Иззатуллозода Алихон Саидқул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica* L.)» аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод гардидааст.

Дар автореферати кори диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти васеъи химиявӣ, физикӣ-химиявӣ, як қатор масъалаҳои асосии илмӣ дар химияи органикӣ, ки аҳаммияти амалӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҳалли худро ёфтанд. Аз тарафи муаллиф шароит ва коркарди методикаи ҷудокунии пайвастаҳои органикӣ аз ҷумла, кислотаҳои аскорбин, аспарагин, аспарагинат, серин, треонин, қаҳрабо, линолевӣ ва лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор муқаррар карда шуда, бо методҳои спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баланэффект сохт ва таркиби онҳо муайян карда шуданд, инчунин тозагии пайвастаҳои ҷудокардашудаи узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica* амалӣ карда шуда ва хусусиятҳои зидди илтиҳобӣ ва пешобронӣ онҳо ошкор карда шудааст.

Коркардҳои илмӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар химияи органикӣ, биохимия, курсҳои махсус ва ҳангоми хондани лексияҳо оид ба фитохимия дар факултетҳои химия ва фарматсевтии донишгоҳҳои олӣ, ҳамчунин методҳои коркардшударо ҳангоми иҷрои корҳои лабораторӣ, навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ ва диссертатсионӣ, метавонанд мавриди истифода қарор диҳанд.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки аз тарафи муаллиф муқаррар карда шудааст, ки лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор ҷудокардашуда хусусиятҳои зидди илтиҳобӣ ва пешобронӣ дорад.

Аз автореферат бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Иззатуллозода Алихон Саидқул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica* L.)», ки барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ пешниҳод шудааст, кори илмии дар зинаи муайян баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ мебошад.


**Тақриздиҳанда:**
номзади илми химия, дотсент,
муовини ректор оид ба илми
Донишгоҳи давлатии Данғара Олимзода Р.А.

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25, Донишгоҳи давлатии Данғара. Тел: 900-23-15-73 E-mail: olimovr1976@mail.ru

Имзои Р.А. Олимзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА
ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25 Донишгоҳи давлатии Данғара. E-mail: dddangara_2013 @mail.ru


17.12.2025